«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав,
профессор Давлатзода С. Х.

ХУЛОСАИ

Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба рисолаи доктории Пиров Аламшо Каримович дар мавзуи «Ҳувияти чандсатҳӣ ва хусусиятҳои ташаккули он дар фазои бисёрфарҳангӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)»

Диссертатсияи Пиров А.К. дар мавзуи «Ҳувияти чандсатҳӣ ва хусусиятҳои ташаккули он дар фазои бисёрфарҳангӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)» дар кафедраи фалсафаи факултети сиёсат ва идораи давлатии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» анҷом дода шудааст.

Пиров А.К. соли 1981 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳозира Донишгоҳи милии Тоҷикистон)-ро аз рӯйи ихтисоси муаррих хатм намудааст. Ӯ дорои унвони илмии номзадӣ буда, 26 марти соли 2010 дар Шурои диссертатсионии Русия аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - «фалсафаи иҷтимоӣ» ҳимоя намуда, соҳиби дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа гардидааст.

Мушовири илмӣ – Усмонзода Х.У. – доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мавзуи диссертатсияи доктории мазкур дар ҷаласаи Шурои олимони ДДҚ ба номи Носири Хусрав аз 30.05.2016, суратмаҷлиси № 9 тасдиқ шудааст.

Аз рӯйи ҷамъбасти муҳокимаи диссертатсияи Пиров А. К. дар мавзуи «Ҳувияти чандсатҳӣ ва хусусиятҳои ташаккули он дар фазои бисёрфарҳангӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – «фалсафаи иҷтимоӣ» (илмҳои фалсафӣ) хулосаи зерин қабул карда шуд:

Диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳамияти назариявию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Муаллиф пажӯҳиши густурда ва муфассалеро анҷом додааст, ки он дорои арзиши баланди илмӣ аст.

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар таҳқиқоти илмӣ диссертант аз усул ва равишҳои маъмулии илмҳои фалсафӣ истифода намуда, марҳилаҳои ташаккули ҳувияти чандсатҳиро дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ комёб гардидааст. Аз ҷумла, зарур ва саривақтӣ будани таҳқиқи мавзуъ, тавре худи диссертант низ таъкид намудааст, ба тезутунд гаштани зиддиятҳои ҷаҳони муосир, кӯшиши абарқудратҳо баҳри ба даст даровардани манфиатҳои хеш тавассути ба ҳам зид гузоштани манфиатҳои гурӯҳҳои этникӣ, хурдқавмҳо вобаста мебошад. Дар асоси пажӯҳишҳои муҳаққиқони муосири илмҳои иҷтимоӣ мубрамияти ҷанбаи назариявии таҳқиқи масъалаи мазкур асоснок карда шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки ин мавзӯъ доимо дар маркази диққати мутафаккирон ва файласуфони Ғарбу Шарқ қарор дошта, дар саргаҳи он намояндагони мактаби франсавии «Анналҳо», ки намояндагонаш Л. Февр, Ж. Дюби, Р. Мандру, Ж. Ле Гофф ва дигарон буданд, меистанд. Баъдан мутафаккироне, ки ба таҳқиқи ин падида, яъне «ҳувият» даст заданд, ҷанбаҳои таърихӣ, назариявӣ, методологӣ ва психологии онро мавриди баррасӣ қарор доданд. Дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ мавзуи мазкур дар фалсафаи иҷтимоии ватанӣ бо сабабҳои гуногун аз назари муҳаққиқон дур монда буд. Баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ ин мавзуи куҳан аҳамияти мубрамро касб намуд, зеро таҷриба нишон дод, ки бидуни ба эътибор гирифтани вижагиҳои ҳувияти миллӣ таъмини пойдории давлати миллӣ ғайри имкон будааст. Масалан, дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ дар ҷомеа талошҳои зиёде ба харҷ дода шуд, ки амсилаҳои гуногуни давлатҳои дуру наздики нисбатан тараққикарда дар ҳаёти иҷтимоии Тоҷикистон татбиқ карда шаванд, аммо онҳо, ки ба ҳувияти миллӣ, анъана, расму ойинҳо, тарзи зист, муоширати субъектҳои иҷтимоӣ, ҷиҳатҳои биологиву ҷуғрофӣ ва равонии миллати тоҷик бегона буданд, бенатиҷа анҷом ёфтанд. Ин тамоилро олимон ва файласуфони имрӯзаи тоҷик дарк намуда, таҳқиқи паҳлӯҳои гуногуни онро оғоз намуданд. Дар рисола саҳми олимони ватанӣ хеле муфассал мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Муҳаққиқ доир ба мафҳумҳои калидии таҳқиқот, таърихи ташаккули назарияҳои дахлдор ва методологияи омӯзиши масъалаи мазкур маълумоти муфассал додааст. Илова бар ин, муҳаққиқ раванди ташаккули ҳувияти чандсатҳиро тариқи равишу усулҳои дуруст ва аз мавқеи объективонаи илмӣ таҳлилу баррасӣ кардааст. Диссертант дар омода намудани диссертатсия аз сарчашмаҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ фаровон истифода намуда, мавқеи хешро оиди

масъалаҳои баҳсноки илмӣ дақиқ муайян намудааст. Дар рафти таҳқиқ муаллиф аз усулҳои таҳлилу таркиб, таҷрид, индуксия ва дедуксия, мушоҳида ва муқоиса, таърихияти санҷиш, умумиятдиҳӣ ва ғайра васеъ истифода кардааст.

Мазмуну моҳият ва муҳтавои таҳқиқоти илмӣ, дастовардҳои методологии дар кор истифодашуда ва натиҷаҳои бадастовардашуда, тасаввуротро махсусан оид ба ташаккули мафҳумҳо ва назарияҳои илмие, ки омили ташаккули ҳувияти чандсатҳӣ мебошанд, ғанӣ мегардонад. Зеро асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот дар доираи асосҳои консептуалӣ, бо ба инобат гирифтани шарҳи ҳамгиройӣ ва таҷзияи илмҳо, ташаккули назарияҳои иҷтимоӣ, асоснок кардани заминаҳои пайдоиш ва ташаккули мафҳумҳо ва таълимотҳои мухталиф оид ба мавзуи мазкур ба танзим дароварда шудааст.

Мақсад ва вазифаҳои кори таҳқиқотӣ ба талаботи меъёрҳои муқарраршуда мувофиқ буда, ҳамоҳанг бо қисмати навгониҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошанд.

Ҷанбаи назариявию амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ кӯшиш кардааст, дар асоси таҳлил ва омӯзиши маводи мавҷуда, моҳияти ҳувияти чандсатҳиро муайян карда, таъсири онро ба рушди минбаъдаи ҷомеаҳои муосир нишон дода, ба он таърифи муаллифӣ додааст: **Ҳувияти чандсатҳӣ ин чунин низоми кушодаи мураккаби ҳувиятёбиест, ки аз сатҳи ҷомеапазирӣ ва қобилияти инсон барои муайян кардани вобастагии худ ба шохисҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ бармеояд.**

Навгонии мазкур ба сифати муқаррароти асосии таҳқиқот барои ҳимоя ба тариқи зайл пешниҳод карда мешаванд:

1. Таҳлили хусусияти чандсатҳӣ будани ҳувияти инсон нишон медиҳад, ки мансубияти шахс танҳо ба як умумияти иҷтимоӣ маҳдуд нагардида, инсон дар як вақт метавонад ба чандин умумияти иҷтимоӣ мансубият пайдо намояд ва бо қадри васеъ шудани доираи амалу фаъолияташ доираи дарки мансубияти иҷтимоии ӯ низ васеъ мегардад. Ҳувияти чандсатҳии аъзоёни ҷомеа на омили зиддият, балки дар шароити муносиб омили ҳамзистии мусолиҳатомези онҳо ба шумор меравад. Ҳамзистии мусолиҳатомез ин амали муштарак ва ҳамзистии бенизоъ, худсобиткунии фарҳангҳои сершумор дар ҳавзаҳои воҳидҳои гуногуни иҷтимоӣ-сиёсӣ мебошад;

2. Дарки ҳамзистии мусолиҳатомези қавмӣ дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ аз он бармеояд, ки тӯли таърих ҳамвора дар ин кишвар

танаввўъи (гуногунрангӣ)-и қавмӣ ҷой дошта, онҳо бо ҳамдигар ҳамзистии осоишта доштанд. Дар вазъияти ҳозира, бо такя ба ин таҷрибаи иҷтимоӣ амсилаи амали муштараки этникӣ-фарҳангӣ, ба болоравии фаъолии иҷтимоӣ ва ҳисси масъулиятшиносии фард ҷиҳати нигоҳдории афзалиятҳо ва манфиатҳои умумимиллӣ бидуни мансубият ба ин ё он қавм, бояд мусоидат намояд. Маҳз дар ин ҷо мавқеи шаҳрвандии фард нисбат ба ҷомеа ва рушди он зоҳир мегардад;

3. Васеъшавии сарҳади амалҳои муштараки этникӣ-фарҳангӣ ба субэтносҳо (ақаллиятҳои қавмӣ) дар татбиқи ҳуқуқҳои худ чун ҳуқуқҳои инфиродии инсон ва шаҳрванд, ки аз тарафи давлати миллӣ новобаста аз фарқият дар фарҳанг, шакли хоҷагидории онҳо ва ғайра якхела эътироф мешавад, имкон медиҳад. Ин бо воридшавии намодҳои ҳувияти умумиллӣ ба сохтори ҳувияти иҷтимоии тамоми аъзои ҷомеа новобаста аз мансубияти субэтникии (ақаллияти қавмӣ)-и онҳо асос меёбад;

4. Фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи амали муштараки байни этникӣ дар сатҳҳои конституцсионӣ ва қонунгузорӣ барои рушди на танҳо соҳаи сиёсӣ, балки соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа низ замина мегузорад ва илова бар ин, омили асосии боздорандаи ҷомеа аз зуҳури шаклҳои гуногуни ифротгароии сиёсӣ ва динӣ мебошад;

5. Ҷанбаи фалсафӣ-иҷтимоии консептуализатсияи амалҳои муштараки этникию фарҳангиро дар ду парадигмаи маърифати (дарки) рушди ҷамъиятӣ дар назар дорад. Мутаносиб ба назари тамаддунӣ амалҳои муштараки этникию фарҳангӣ ин амалҳои муштараки умумиятҳои миллӣ буда, дар натиҷаи он тағйироти муҳим дар соҳаҳои моддӣ ва маънавии амалҳои муштараки фарҳангҳои миллӣ ба вуҷуд меояд;

6. Аз нуқтаи назари муносибати форматсионӣ амалҳои муштараки этникию фарҳангиро мебояд ҳамчун намуди амали муштараки иҷтимоӣ муайян намуд, зеро ки дар раванди он умумияти миллӣ фаоълияти мақсаднокро доир ба қонеъ намудани талабот ва манфиатҳои этникӣ (фарҳангӣ) ба амал мебарорад. Ҳамин тариқ, эҳтиёҷоти қавмӣ заминаи субстансионалии амалҳои муштараки этникию фарҳангӣ ба шумор меравад, ки бе он ҳама гуна амалҳои муштарак маънои худро гум мекунад. Андешаи эвристикӣ, ки равишҳои дар боло зикршударо муттаҳид мекунад, ҳадафи амалҳои муштарак-таҷдид ва рушди фарҳанги миллӣ мебошад;

7. Дар ташреҳи фалсафию иҷтимоӣ мафҳуми «умумияти миллӣ» субъекти амалҳои муштараки этникию фарҳангиро ифода карда, чун

мафҳуми умумиятёфтаи иҷтимоию фалсафӣ баромад менамояд. Дар маънои тамаддунӣ умумияти миллӣ ба сифати фарҳанги миллӣ баҳо дода мешавад. Дар диди форматсионӣ умумияти миллӣ чун умумияти иҷтимоӣ ифода ёфта, дар амсилаи иҷтимоиёт бо субъектҳои гуногуни низоми иҷтимоӣ дар амалҳои муштарак қарор дорад;

8. Амсилаи назариявии танзими иҷтимоии амалҳои муштараки байниэтникӣ ду низомро дар бар мегирад: танзими давлатӣ (идоракунӣ) дар қаринаи сиёсати давлати миллӣ ва танзими ҷамъиятии амалҳои муштараки этникию фарҳангӣ. Низоми танзими давлатӣ дар худ низоми танзими маъмурии (идоракунии) равандҳои этникию фарҳангӣ ва низоми давлатии худтанзимкуниро дорад. Танзими ҷамъиятӣ низ аз ду зернизом иборат аст: низоми ҷамъиятии танзими идоракунии давлатӣ ва низоми ҷамъиятии худтанзимкунӣ.

9. Робита ба равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ нақши арзишҳои маънавии дар муҳитҳои муайяни иҷтимоӣ риояшаванда дар таъмини ҳамзистии мусолиҳатомези этникӣ (қавмӣ) ва миллию байналмилалӣ нишон дода шудааст. Пайгирӣ аз чунин талошҳо ҳамчун омили ҳифзи чеҳраи ҳувияти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ арзёбӣ мегардад. Инчунин ба сифати унсури худмуаррификунии фарҳангӣ истифода шудани вижагиҳои зуҳури арзишҳои маънавии мансуб ба ин ё он умумияти иҷтимоӣ дар доираи рушди тамоили сайёҳӣ таъкид шудааст;

10. Дар шароити олами муосир аксар маврид доираҳои муайян саъй бар он меварзанд, ки ҳисси худогоҳии этникӣ (қавмӣ)-ро дар нуқтаҳои гуногуни сайёра ба манфиатҳои худ истифода баранд. Вале кӯшишҳои мазкур наметавонанд аксар маврид барои ҳифзи манфиатҳои аслии гурӯҳҳои субэтникӣ (ақаллиятҳои қавмӣ) хидмат намоянд. Бинобар ин, барои низомҳои сиёсии бисёрқавмӣ зарурати таваҷҷуҳ ба ин масъала бо такя аз падидаҳои навин эътимодбахш нишон дода шудааст.

Натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро метавон минбаъд барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ ва фарҳангшиносӣ, инчунин, ҳангоми таҳия намудани дастурҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба масъалаҳои муосири илмҳои иҷтимоӣ мавриди истифодабарӣ қарор дод. Илова бар ин, маводи таҳқиқшуда, натиҷа ва хулосаҳои бадастомадаро ҳангоми хондани курсҳои махсус ва тадриси фанни фалсафаи иҷтимоӣ ва ҷомеашиносӣ низ истифода намудан мумкин аст.

Автореферат, монография ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти диссертатсияро фаро гирифта, ба он ҳамоҳанг карда шудаанд.

Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ

1. Монографияҳо:

[1-А]. Пиров А.К. Особенности трансформации этнокультурных взаимодействий в общественной жизни Таджикистана / А.К. Пиров.- Душанбе: ООО «Сармад- Компания», 2016. – 116 с.

[2-М]. Пиров А.К. Амалҳои муштараки иҷтимоӣ дар қаринаи ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ / А.К. Пиров. – Душанбе: «Сармад-Компания», 2019. – 146 с.

2. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд:

[3-М]. Пиров А. К. Масъалаи таносуби ҳувиятҳо дар қаламрави ҷомеаҳои муосири дар ҳолати тағйирёбӣ // Паёми ДМТ.– Душанбе, 2016. – №2. – С.266-269.

[4-М]. Пиров А.К. Ҷойгоҳ ва нақши анъанаҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавии фарҳанг ва муносибатҳои қавмӣ // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2018. – №3. – С. 266-269.

[5-М]. Пиров А. К. Ҷойгоҳ ва нақши анъана дар ташаккули ҳувият // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2019. – №1. – С. 167-172.

[6-М]. Пиров А. К. Нақши забон дар ташаккули ҳамзистии мусолиҳатомези қавмӣ дар шароити истиқлолияти давлатӣ ва равандҳои ҷаҳонишавӣ // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №3. – С.66-72.

[7-М]. Пиров А. К. Таносуби омилҳои объективӣ ва субъективӣ дар раванди амалҳои муштараки этникию фарҳангӣ // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2020. – №8. – С. 175-180.

[8-М]. Пиров А. К. Мақом ва нақши амалҳои муштараки иҷтимоӣ дар истеҳкоми ҳамбастагиҳои қавмию фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2020. – №9. – С. 182-188.

[9-М]. Пиров А. К. Имкониятҳои фарҳангӣ- маърифатии сайёҳии этникӣ // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №4. – С.70-74.

[10-М]. Пиров А.К. Таҳқиқи масъалаи хусусияти ташаккулёбии ҳувияти чандсатҳӣ дар назарияҳои иҷтимоӣ // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2020. – №10. – С. 185-192.

[11-М]. Пиров А. К. Хусусиятҳои назариявии дидгоҳҳои иҷтимоӣ оид ба таҳқиқи масъалаи ҳувият // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва

ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №1. – С.77-83.

[12-М]. Пиров А. К. Зарфияти ҳувияти тоҷикон дар таъмини ҳамзистии мусолиҳатомези иҷтимоӣ // Паёми ДМТ.– Душанбе, 2021. – №1. – С. 183-194.

[13-М]. Пиров А. К. Вижагиҳои ташаккули кунишҳои фарҳанги дар муҳити субэтникӣ // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. - Душанбе, 2021. – №1. (73). – С. 262-271.

[14-М]. Пиров А. К. Дарки иҷтимоии амалҳои муштараки этникӣ-фарҳангӣ // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъияттшиносӣ, №1, 2021: (262) С.83-88.

[15-М]. Пиров А. К. Ҳувияти этникӣ-фарҳангӣ дар шароити ҷаҳонишавии фарҳанг // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №2. – С.35-41.

[16-М]. Пиров А. К. Ғояи миллӣ ҳамчун инъикоси ҷанбаҳои маънавии ҳувияти миллӣ-фарҳангӣ // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2021. – №2. – С. 151-162.

[17-М]. Пиров А. К. Мушкилоти дарки амалияи ҳувиятсозӣ дар таърихи афкори иҷтимоӣ-фалсафии Ғарб // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2021. – №2. – С. 173-182.

[18-М]. Пиров А. К. Амалҳои муштараки муколамавии фарҳангҳо ва ташаккули ҳувиятҳо дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгори (Силсила: илмҳои фалсафӣ). – Душанбе, 2021. – №2.(2) – С. 18-24.

3. Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба табъ расида:

[19-М]. Пиров А. К. Ҷанбаи методологии шарҳу тавзеҳи далелҳои амалии тадқиқоти сотсиологӣ дар ҷомеаҳои тағйирёбанда // Маводи конференсияи илмӣ- назариявии байналмилалӣ таҳти унвони «Рушди илмҳои таърих ва ҷомеашиносӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон», бахшида ба 70-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ДДҚ ба номи Носири Хусрав, ш. Қӯрғонтеппа. – 2015. – 17-18 апр. – С.83-87.

[20-М]. Пиров А. К. Ваҳдати миллӣ-омили шукуфоии кишвар // Маводи конф. илмии ҷумҳуриявии «Нақши Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими Ваҳдати миллӣ ва ҳифзи дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ», ш. Хоруғ, ш. Душанбе: Дониш. – 2016. – 10 июн. – С.311-313.

[21-М]. Пиров А. К. Ҷойгоҳ ва нақши анъанаҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавии фарҳанг ва муносибатҳои этникӣ // Маводи конференсияи

илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Тоҷикистон кишвари беназири сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ». ДДК ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, ш. Кӯлоб. – 2018. – 11 апр. – С.146-153.
[22-М]. Пиров А. К. Ҷойгоҳ ва нақши забон дар ташаккули худшиносии қавмӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Неруҳои моҳиятии инсон дар фалсафаи инсоншиносии профессор С. Наврузов», ш. Душанбе. – 2019. – 27 март. – С.57-64.
[23-М]. Пиров А. К. Нақши маърифати сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ «Нақши институтҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ». Душанбе, 2018, ш. Душанбе. – 2018. – 12 апр. – С.97-104.
[24-М]. Пиров А. К. Маданият ва сайёҳӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- назариявии байналмилалӣ бахшида ба 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25-солагии Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 22- солагии Ваҳдати миллӣ дар мавзӯи «Ҷаҳонишавӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо дар замони муосир», ш.Бохтар.- 2019.- 17-18 май. -С. 50-53.
[25-М]. Пиров А.К. Сайёҳи-воситаи муҳимми муаррифии фарҳанги кишвар// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Силсила: илмҳои ҷомеашиносӣ). – Бохтар, 2019. – №3/4.(70) – С. 9-14.
[26-М]. Пиров А.К. Мақом ва ҷойгоҳи мафкураи миллӣ-давлатӣ дар бунёди ҳувияти миллӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Силсила: илмҳои ҷомеашиносӣ). – Бохтар, 2021. – №3/4.(94) – С. 13-17.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Пиров Аламшо Каримович дар мавзуи «Ҳувияти чандсатҳӣ ва хусусиятҳои ташаккули он дар фазои бисёрфарҳангӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ кори илмии комилу анҷомёфта мебошад ва онро метавон барои ҳимоя тавсия намуд. Диссертатсияи Пиров А. К. таҳқиқоти мустақил ва мукаммал буда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад, бо мубрамият ва навоварии худ фарқ мекунад. Дар диссертатсия саҳми шахсии унвонҷӯ барои ноил шудан ба натиҷаҳои таҳқиқот нишон дода шудааст.

Диссертатсияи Пиров Аламшо Каримович «Ҳувияти чандсатҳӣ ва хусусиятҳои ташаккули он дар фазои бисёрфарҳангӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)» аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – «фалсафаи иҷтимоӣ» ба шиносномаи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Чумхурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Дар заминаи гуфтаҳои болозикр, Шурои олимони факултети сиёсат ва идораи давлати ДДБ ба номи Носири Хусрав

ҚАРОР КАРД:

Диссертатсияи Пиров Аламшо Каримович дар мавзуи «Ҳувияти чандсатҳӣ ва хусусиятҳои ташаккули он дар фазои бисёрфарҳангӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) кори илмии комилу анҷомёфта мебошад ва онро метавон барои дифоъ дар Шурои диссертатсионии 6Д.КОА- 029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия намуд.

Қарор дар ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети сиёсат ва идораи давлат ДДБ ба номи Носири Хусрав қабул гардид.

Дар ҷаласа 24 нафар иштирок дошт. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 24 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд. Протокол №9 аз 20 апрели соли 2022.

Раиси ҷаласа: Қодирзода Б.Б.
Котиби ҷаласа: Аблаева М.
Муқарризи №1
Сарходими илмии шуъбаи сотсиологияи
Институти фалсафа,сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои фалсафа Қаҳоров Ғ. Ғ.

Муқарризи №2
доктори илмҳои сиёсатшиносӣ,
профессори кафедраи сиёсатшиносӣ
ва муносибатҳои байналмилалиии
ДДБ ба номи Носири Хусрав Саидов А.С.

Имзои Қодирзода Б. Б., Аблаева М.,
Қаҳоров Ғ. Ғ. ва Саидов А.С.-ро
тасдиқ мекунам.

Сардори ШК ва корҳои махсуси
МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷ. А.
«24» 04 2022 с.